**ҚАРОРИ**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 26 августи соли 2024, №46** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Содиқов М.С., тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З. С., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳалимов Л. М., баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С., ва раиси шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Олимов Умедҷон Маҳмадшоевичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**26 августи соли 2024.**